# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи: «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (ш. Душанбе, 2026)**

Шиносоӣ бо автореферати диссертатсияи Ҷумъахони С.Л. имкон медиҳад хулоса намоем, ки довталаб ба яке аз масъалаҳои калидии давлати иҷтимоӣ ва ҳуқуқбунёд – таъмини воқеии ҳуқуқи конститутсионии ҳар кас ба манзил рӯ овардааст. Тибқи моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳар кас ба манзил кафолат дода шудааст, аммо байни эътирофи меъёрии ин ҳуқуқ ва амалисозии воқеии он то ҳол фосилаи муайян ҷой дорад. Маҳз ҳамин номутобиқатии байни муқаррароти меъёрӣ ва воқеияти иҷтимоӣ, ки дар камбуди манзили дастрас барои қишрҳои осебпазир, баҳсҳои судии марбут ба истифода ва ихроҷ аз манзил ва нокифоягии механизмҳои ҳифзи ин ҳуқуқ зоҳир мегардад, интихоби мавзуи таҳқиқотро комилан асоснок месозад.

Бартарии таҳқиқоти мазкурро дар он дидан мумкин аст, ки муаллиф масъаларо на дар доираи як соҳаи ҳуқуқ, балки дар ҳамгироии ду ихтисоси илмӣ – назария ва таърихи ҳуқуқу давлат ва ҳуқуқи конститутсионӣ баррасӣ намудааст. Чунин равиш ба довталаб имкон додааст, ки ҳуқуқ ба манзил ҳамзамон ҳамчун падидаи таърихан ташаккулёфта, категорияи назариявӣ ва кафолати амалкунандаи конститутсионӣ омӯхта шавад.

Қисмати таърихии таҳқиқот хусусияти хоси илмӣ дорад. Муаллиф решаҳои ҳуқуқ ба манзилро аз сарчашмаҳои даврони зардуштӣ оғоз намуда, нишон додааст, ки дар таълимоти авестоӣ манзил на танҳо ҷои зист, балки муҳити муқаддаси зиндагии инсон, оила ва ҷомеа дониста

шуда, бо мафҳумҳои покӣ, амният ва суботи иҷтимоӣ иртиботи зич доштааст. Ҷолиб аст, ки довталаб аҳаммияти Эъломияи Куруши Кабирро низ дар ин радиф арзёбӣ намуда, собит сохтааст, ки эҳтиром ба манзилу моликияти мардум ҳанӯз дар давраи қадим ҷузъи фарҳанги давлатдории аҷдодони тоҷикон буд. Пас аз он инкишофи ин ҳуқуқ дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ, замони шуравӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ пайгирӣ шуда, дар маҷмуъ даврабандии илман асосноки чормарҳилагӣ пешниҳод гардидааст.

Дар қисмати назариявии кор довталаб ба таҳлили мафҳум ва хусусиятҳои манзил ҳамчун объекти ҳуқуқ диққати ҷиддӣ додааст. Аз ҷумла, дар асоси ду аломати ҳатмӣ – таъиноти истиқоматӣ ва таъмини махфият пешниҳод шудааст, ки мафҳуми «манзил» ҳам биноҳои ба фонди манзил дохилшуда ва ҳам биноҳову иншооти ба ин фонд дохилнашуда, вале барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ пешбинишударо фаро гирад. Ин мавқеъ барои амалияи судӣ, ки дар он масъалаи ба манзил мансуб донистани биноҳои ёрирасон борҳо ба миён меояд, аҳаммияти бевосита дорад.

Диққатҷалбкунанда таҳлили довталаб оид ба маҳдудияти ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ ба дастрасии манзили истиқоматӣ мебошад. Муаллиф ангезаҳои иҷтимоию иқтисодии чунин маҳдудиятро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода, онро бо таҷрибаи як қатор давлатҳо муқоиса намудааст ва ба хулосае омадааст, ки маҳдудияти мазкур ба ҳифзи дастрасии шаҳрвандони кишвар ба манзил нигаронида шудааст. Чунин таҳлил аз малакаи хуби муқоисавӣ-ҳуқуқии довталаб гувоҳӣ медиҳад.

Ба таври алоҳида бояд қайд намуд, ки довталаб мавқеи ҳуқуқ ба манзилро дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян намуда, робитаи ногусастании онро бо ҳуқуқ ба ҳаёт, дахлнопазирии шахсият ва ҳаёти оилавӣ, ҳуқуқ ба саломатӣ ва таъминоти иҷтимоӣ нишон додааст. Дар автореферат асоснок гардидааст, ки манзил на

танҳо объекти молу мулк, балки шарти моддии амалисозии як қатор ҳуқуқҳои дигари конститутсионӣ мебошад ва маҳз ҳамин хусусият хислати байнисоҳавии институти мазкурро муайян месозад. Дар ин замина уҳдадориҳои давлат оид ба мусоидат ба рушди сохтмони манзил ва таъмини дастрасии он, ки аз Конститутсия ва санадҳои барномавию стратегӣ бармеоянд, таҳлил гардидаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот низ дуруст интихоб шудаанд: истифодаи мувофиқи усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ ба довталаб имкон додааст, ки предмети таҳқиқот аз мавқеъҳои гуногун баррасӣ шуда, хулосаҳо дар пояи далелҳои боэътимод бино ёбанд. Мутобиқати мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ҳарду ихтисоси илмии интихобшуда шубҳа намеорад.

Дар қисмати амалии таҳқиқот таснифи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил ба худмуҳофизатӣ, механизмҳои судӣ, ғайрисудӣ ва ҷамъиятӣ пешниҳод шуда, мазмуни ҳар яке аз онҳо дар асоси Конститутсия ва қонунгузории амалкунанда кушода дода шудааст. Дар заминаи ин таҳлил довталаб лоиҳаи мушаххаси меъёрӣ – илова намудани моддаи 7[1] ба Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзилро номбар менамояд  таҳия кардааст. Мавҷудияти чунин пешниҳоди тайёри қонунгузорӣ нишонаи ба итмом расидани силсилаи таҳлилҳо ва қобилияти довталаб дар табдили хулосаҳои назариявӣ ба натиҷаи амалӣ мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро заминаи васеи сарчашмавӣ таъмин намудааст: осори олимони ватанию хориҷӣ, сарчашмаҳои динӣ-ҳуқуқии даврони қадим, қонунгузории замони шуравӣ ва муосир, санадҳои байналмилалӣ, инчунин маводи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омори расмии мақомоти давлатӣ. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инъикос ёфта, дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ санҷида шудаанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои он тасаввуроти илмиро оид ба табиати ҳуқуқии ҳуқуқ ба манзил, ҷойгоҳи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таносуби он бо дигар ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ғанӣ мегардонанд ва барои таҳқиқоти минбаъдаи назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳамда ҳуқуқи конститутсионӣ замина фароҳам меоранд. Аҳаммияти амалии он бошад, дар имконияти истифодаи хулосаву пешниҳодҳо дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти ваколатдор, дар амалияи судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи манзил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ифода меёбад.

Дар баробари баҳои умумии мусбат, зикр намудани баъзе мулоҳизаҳо низ ба мақсад мувофиқ аст:

1. Дар автореферат ба даврабандии таърихии ташаккули ҳуқуқ ба манзил ҷои назаррас дода шудааст, вале мебуд, агар довталаб дар баробари ин ба таҷрибаи муосири судии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баҳсҳои манзилӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, хулосаҳои худро бо мисолҳои мушаххаси амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ тақвият медод.

Мулоҳизаҳои зикргардида хусусияти баҳсӣ ва тавсиявӣ дошта, ба мазмуну муҳтавои таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд дар фаъолияти минбаъдаи илмии довталаб ба инобат гирифта шаванд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи: «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2. Ҳуқуқи

конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ сазовор аст.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
сардори шуъбаи Хадамоти назорати давлатӣ
дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
дар шаҳри Душанбе Қодирзода Д.С.

Имзои Қодирзода Д.С.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири бахши кадрҳо ва корҳои махсуси
Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
дар шаҳри Душанбе Қудбуддинзода М.Қ.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатӣ
дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, 735035 ш. Душанбе,
хиёбони Борбад 71.
Тел.: (+992) 231-47-71

25.07.2026